УДК 336.77:004 | DOI 10.66691/MBOQ1758

ТАКМИЛДИҲИИ МЕХАНИЗМҲОИ ИДОРАКУНИИ ИННОВАСИОНИИ РУШДИ УРБАНИЗАТСИОНӢ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНӢ

Бобоев Олимҷон
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
E-mail: boboev52@mail.ru
Бомиров Бомир Ҳикматович
муаллими калони кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33. E-mail: bomiriyon94@gmail.com

Мақола ба омӯзиши такмилдиҳии механизмҳои идоракунии инноватсионии рушди урбанизатсионӣ дар шароити рақамикунонӣ бахшида шудааст. Муаллифон масъалаҳои инфрасохтори рақамӣ, кадрҳои баландихтисос ва маҳдудияти молиявӣ таҳлил намуда, самтҳои такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаи урбанизатсияро пешниҳод намудаанд. Инчунин, зарурати ташаккули «шаҳрҳои интеллектуалӣ», таҳкими шабакаҳои иттилоотӣ, рушди иқтидори зеҳнӣ ва ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ таъкид мешавад. Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки идоракунии инноватсионӣ дар шароити рақаммикунонӣ омили муҳими таъмини устувории рушди иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва татбиқи ҳадафҳои стратегӣ мебошад.

Калидвожаҳо: *идоракунии инноватсионӣ, урбанизатзия, инноватсия, рақамикунонӣ, шаҳрҳои интеллектуалӣ, иқтисоди рақамӣ, инфрасохтори рақамӣ, захираҳои зеҳнӣ, иқтисоди инноватсионӣ, устувории рушди урбанизатсионӣ, механизмҳои инноватсионӣ.*

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ИННОВАЦИОННЫХ МЕХАНИЗМОВ УПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЕМ УРБАНИЗАЦИИ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВИЗАЦИИ

Бобоев Олимджон
доктор экономических наук, профессор, профессор кафедры государственного управления и **национальной экономики** Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саид Носир, 33. Тел.: (+992) 805-55-55-52. E-mail: boboev52@mail.ru
Бомиров Бомир Хикматович
старший преподаватель кафедры государственного управления и национальной экономики Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саид Носир, 33. Тел.: (+992)93-840-66-00. E-mail: bomiriyon94@gmail.com

Статья посвящена анализу совершенствования механизмов инновационного управления развитием урбанизации в условиях цифровизации. Авторы проанализировали вопросы цифровой инфраструктуры, высококвалифицированного персонала и финансовых ограничений, а также предложили направления совершенствования государственной политики в области урбанизации. Также подчеркивается необходимость формирования «умных городов», укрепления информационных сетей, развития интеллектуального потенциала и сотрудничества государства и частного сектора. Результаты исследования показывают, что инновационное управление в условиях цифровизации является важным фактором обеспечения устойчивого экономического роста, повышения уровня жизни населения и реализации стратегических целей.

Ключевые слова: *инновационное управление, урбанизация, инновации, цифровизация, умные города, цифровая экономика, цифровая инфраструктура, интеллектуальные ресурсы, инновационная экономика, устойчивое развитие урбанизации, инновационные механизмы.*

IMPROVEMENT OF INNOVATIVE MANAGEMENT MECHANISMS OF URBANIZATION DEVELOPMENT IN THE CONDITIONS OF DIGITALIZATION

Boboev Olimjon

doctor of economic sciences, professor, professor of the department of public administration and national economy of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nasir str., 33. Tel.: (+992) 805-55-55-52. E-mail: boboev52@mail.ru

Bomirov Bomir Hikmatovich

senior teacher of the department of Public Administration and national economy of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nasir str., 33. Phone: (+992) 93-840-66-00. E-mail: bomiriyon94@gmail.com

The article is devoted to the analysis of improving the mechanisms of innovative management of urbanization development in the context of digitalization. The authors analyzed the issues of digital infrastructure, highly qualified personnel, and financial constraints, and proposed directions for improving state policy in the field of urbanization. Also, the need to form "smart cities", strengthen information networks, develop intellectual potential and cooperate with the state and the private sector is emphasized. The results of the study show that innovative management in the context of digitalization is an important factor in ensuring sustainable economic growth, improving the living standards of the population and implementing strategic goals.

Keywords: *innovative management, urbanization, innovation, digitalization, smart cities, digital economy, digital infrastructure, intellectual resources, innovative economy, sustainable urbanization development, innovative mechanisms.*

Сарсухан. Идоракунии инноватсионии рушди урбанизатсионӣ дар шароити рақамикунонӣ аз нигоҳи илмӣ ва амалии замони муосир дорои аҳамияти хосса мебошад, зеро урбанизатсия ҳамчун омили муҳими рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар шароити рақамикунонии ҷомеа ба усулҳои навини идоракунӣ ниёз дорад. Дар шароити шиддатёбии рақобати ҷаҳонӣ ва густариши технологияҳои рақамӣ, истифодаи қарорҳои инноватсионӣ дар идоракунии шаҳрҳо ба афзоиши самаранокии хизматрасониҳо, беҳсозии муҳити зист ва устувории рушди иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Дар даҳсолаи охир урбанизатсия ба марҳалае расид, ки дигар ба унвони раванд ё тамоюл тавсиф намешавад, балки ба сифати муҳаррики асосии рушди иқтисодию иҷтимоӣ баромад мекунад. Ба ҳамин далел, идоракунии инноватсионии рушди урбанизатсионӣ дар шароити рақамикунонии ҷаҳонӣ хусусияти стратегӣ касб намуда, ҳамчун яке аз самтҳои калидии сиёсати давлатӣ баромад мекунад. Дар кишварҳои дар ҳоли рушд, аз ҷумла Тоҷикистони соҳибистиқлол, ин масъала ба як ниёз ва талаботи рӯз табдил ёфтааст. Зеро маҷмӯи мушкилоти урбанизатсионӣ аз фишор ба инфрасохтор то камбуди нақшакашии муосир танҳо тавассути механизмҳои таҳияшудаи идоракунии инноватсионӣ ҳаллу фасл мешаванд.

Бо дарназардошти он ки Тоҷикистон дар марҳилаи босуръати урбанизатсия қарор дорад, татбиқи ин гуна моделҳои идоракунии инноватсионӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ буда, ба татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ ва рушди устувори шаҳрҳои кишвар мусоидат мекунад. Барои кишвари мо, ки дар марҳалаи ташаккули урбанизатсия қарор дорад, идоракунии инноватсионӣ барои татбиқи ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то соли 2030 муҳим мебошад.

Мақсади таҳқиқот аз муайян намудани механизмҳои идоракунии инновасионии мавҷудаи урбанизатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рақамикунонӣ ва пешниҳоди самтҳои такмили сиёсати давлатӣ, аз ҷумла ташаккули инфрасохтори рақамӣ, кадрҳои баландихтисоси соҳавӣ, ҷалби сармоя ва татбиқи моделҳои «шаҳри интеллектуалӣ» бо мақсади таъмин намудани рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ иборат мебошад.

Методҳои таҳқиқот. Дар раванди таҳқиқот аз таҳлилҳои назариявӣ, муқоисавӣ, оморӣ, таҳлили адабиёти илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ истифода шудааст.

Дар шароити урбанизатсия (шаҳришавӣ) ва ташакулдиҳии механизмҳои идоракунии инноватсионии рушди шаҳрҳо яке аз масъалаҳои асосӣ ба шумор меравад, ки ниёзмандӣ ба ташаккули инфрасохтори рақамӣ, такмилдиҳии кадрҳои баландихтисос ва танзимоти ҳуқуқии такмилнаёфта, ҳамчунин муҳарики асосии ҷараёни татбиқи инноватсия хизмат менамояд. Истилоҳи «инноватсия» аз забони лотинӣ сарчашма ёфта, вожаи **novatio** («навсозӣ, тағйирёбӣ») бо пешванди in («дар») маънои «ба самти навсозӣ/тағйиёбӣ»-ро мегирад. Ин истилоҳ дар даҳаи аввали асри ХХ, солҳои 1900 аз ҷониби Ҷозеф Шумпетер ҳамчун истилоҳи иқтисодӣ ба илм ворид намудааст. Ӯ дар асари худ ««Назарияи рушди иқтисодї» асоснок кардааст, ки маънз навоварӣ (инноватсия) асоси рушди иқтисодии давлатро ташкил медиҳад» [15]. «Дар сатҳи сиёсати глобалӣ шаҳришавӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои рӯзномаи ҲРУ то давраи соли 2030 қабул гардида, ҳамчун барномаи қолабии ҷаҳонишавӣ барои рушди тамоми соҳаҳои кишварҳои дунё баромад менамояд.

Дар ин радиф бояд то соли 2030 тавсияи васеи шаҳришавии экологӣ ва имконияти банақшагирии маҷмуии шаҳру маҳаллаҳои муосири аҳолинишин бо тамоми инфрасохтори нақлиётию коммуналии дастрас, таъмин карда шавад (ҲРУ 11, 6, 1 ва 2). Дар амалишавии сиёсати шаҳришавӣ вазифаи шаҳрҳои хурду миёна бахусус дар таъмини аҳолии доимо афзоишёбандаи шаҳрҳо нақши калидӣ мебозанд» [2, С. 159]. Лозим ба зикр мебошад, шаҳришавӣ дар сатҳи сиёсати глобалӣ на танҳо як раванд, балки механизми асосии тавсеаи устувори иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, татбиқи он тавассути рушди шаҳрҳои хурду миёна ва банақшагирии инфрасохтори муосир метавонад муҳаррики асосии рушди мутавозини миллӣ гардад. Қобили тазакур мебошад,ки яке аз механизмҳои асоии идоракунии инноватсионӣ, ин рақамикунонии фаъолияти шаҳрҳо ва самаранокии рушд ба ҳисоб меравад. Зарурати гузариш ба низоми рақамикунонӣ дар саросари ҷаҳон бо имкониятҳои баланд бардоштани самаранокӣ муайян карда мешавад.

Ҳамин тариқ лозим ба зикр мебошад, кӣ гузариш ба низоми рақамӣ на танҳо мавқеъи давлатҳо, балки яке аз механизмҳои асосии ва устувории рушди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки кишварҳо ва минтақаҳое, ки платформаҳои рақамӣ ва моделҳои идоракунии интеллектуалиро ҷорӣ мекунанд, сатҳи истеҳсолот, хизматрасонӣ ва қабули қарорҳои стратегиро ба таври назаррас баланд мебардоранд.

Аз нуқтаи назари илм механизмҳои инноватсионӣ имконият медиҳад, ки самаранокии захираҳо ва натиҷаҳои урбанизатсионӣ ба сатҳи байналмилалӣ мувофиқ гардад. Ин нишон медиҳад, ки идоракунии инноватсионӣ дар сатҳи стратегӣ як омили муҳими устувории рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бошад.

Бо вуҷуди пешравиҳои технологӣ, муассисаҳои давлатӣ ва кормандони соҳа аксаран бо маҳдудияти таҷриба ва методологияҳои инноватсионӣ рӯ ба рӯ мебошанд. Ин ҳолат ба суст шудани самаранокии хизматрасониҳои шаҳрӣ, таъхир дар қабули қарорҳои стратегӣ ва истифодаи нокифояи додаҳои рақамӣ оварда мерасонад. Илова бар ин, сатҳи нокифояи фарогирии омӯзишӣ ва муқовимати фарҳангӣ ба тағйирот, махсусан дар минтақаҳои сатҳи даромадашон миёна ва шаҳрҳои навтаъсис, ҷараёни урбанизатсияро маҳдуд месозад.

Раванди таҳқиқот ба мо имкон дод, ки ки татбиқи амалишавии механизмҳои инноватсионии идоракунии стратегӣ ва системаҳои мониторингии рақамӣ дар доираи платформаҳои интеллектуалӣ метавонад ин мушкилотро қисман бартараф намуда, устувории рушди урбанизатсионӣ ва қабули қарорҳои самаранокро таъмин намояд.

Бояд қайд намуд, ки олимони номбурда таҳқиқотҳоро дар ин самт ба анҷом расонида бошанд, ҳам аммо вобаст ба механизмҳои инноватсонии он то ҳол дар сатҳи зарури мавриди таҳлилу баррасӣ қарор нагирифта аст.

Барои возеҳ нишон додани таъсири омилҳои мазкур ба самаранокии идоракунии рақамӣ ва урбанизатсионӣ, дар диаграммаи зер сохтори робитаҳои сабабию натиҷавӣ инъикос ёфтааст (нигаред ба расми 1.).

Қайд кардан ба мавриди мебошад, ки рушди механизҳои идоракунии инноватсионии урбанизатсия маҷмуи тадбирҳо, сиёсатҳо ва механизмҳое мебошад, ки барои рушди устувор, рақобатпазир ва бо технологияҳои муосир муҷаҳаз шудани шаҳрҳо зарур мебошад, инчунин

ба баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ, тақвият додани сифати хизматрасониҳо ва таъмини рушди мутавозини инфрасохтори шаҳрӣ равона шудаанд.



Сарчашма: таҳияи муаллифон

Расми 1. Омилҳои асосии идоракунии рушди инноватсионии урбанизатсия

Вобаста ба масъали рушди механизмҳои инноватсионӣ дар шароити рақамисозӣ дар тадқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла олимони ватанӣ Бобоев О. [4], Асоев М.М. [3], Бобомурод П.У. [5] ва олимони хориҷӣ бошад Ершова И.Г. [6, 7], Колмыкова Т.С. [8], Мерзлякова Е. А. [10, 11], Обухова А. С. [12, 13], Ҷ.Шумпетер [15] мушоҳида мегардад.

Дар заминаи таҳаввулоти ҷиддии ҷаҳонӣ, ки самтҳои асосии рушди урбанизатсия, иқтисоди рақамӣ ва механизмҳои идоракунии инноватсионӣ бо суръати бесобиқа рушд меёбанд, зарурати таҳкими сиёсати давлатӣ дар самти рақамикунонии иқтисод ва тавсеаи механизмҳои технологӣ беш аз ҳар вақти дигар эҳсос мегардад.

Чуноне ки Президенти кишвар, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олӣ санаи 28 декабри соли 2024 таъкид намуданд: «Тоҷикистон дар ҷодаи гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҷиҳати таъмин намудани шаффофияти муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст. Ҷиҳати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт пешниҳод менамоям, ки солҳои 2025 – 2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шаванд» [1].

Ба ақидаи муҳаққиқони ватанӣ низ гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва инноватсия дар сиёсати давлатӣ ва идоракунии иқтисодию иҷтимоӣ мавқеи авалиндараҷаро касб менамояд. Аз ҷумла, Комилов С. Ҷ. дар таҳқиқоти худ зикр менамояд, ки «иқтисоди инноватсионӣ зинаи олитарини рушди иҷтимоию иқтисодӣ мебошад ва ташаккули он танҳо дар асоси дониш, захираҳои зеҳнӣ ва рақамикунонии идоракунӣ имконпазир аст. Ба андешаи муаллиф, таҳкими неруи инсонӣ ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ омили асосии самаранокии идоракунии муосир ба шумор меравад» [9, С. 18-19], ки ба устувории рушди иқтисодёти миллӣ ва урбанизатсияи интеллектуалӣ мусоидат менамояд.

Барои дарки равандҳои шаҳришавӣ ва таҳлили афзоиши аҳолӣ дар шаҳр ва деҳот, нишондиҳандаҳои асосии динамикаи аҳолии кишвар дар солҳои охир дар диаграммаи 1. инъикос ёфтаанд.



Сарчашма: *таҳияи муаллифон дар асоси «Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2025»*[14, С. 26]

Таҳлили маълумотҳои оморӣ оид ба шумораи аҳолии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024 нишон медиҳад, ки аҳолии кишвар мунтазам афзоиш ёфта истодааст. Тибқи маълумотҳо, шумораи умумии аҳолӣ аз 9716,8 ҳазор нафар дар соли 2020 то ба 10508,5 ҳазор нафар дар соли 2024 расидааст, ки афзоиши аҳолӣ зиёда аз 791,7 ҳазор нафар ё худ тақрибан 8,1%-ро ташкил медиҳад. Ин раванд аз афзоиши табиӣ, беҳтар шудани шароити зиндагии аҳолӣ ва густариши инфрасохтори иҷтимоию иқтисодӣ гувоҳӣ медиҳад.

Ҳамин тавр, метавон таъкид кард, ки дар ин замина, сиёсати давлатии рақамикунонӣ на танҳо ҷузъи ҷудонашавандаи стратегияҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, балки ҳамчун механизми институтсионалӣ барои такмил додани муносибатҳои байни давлат, ҷомеа ва бахши хусусӣ хизмат мекунад. Ин равиш имконият фароҳам меорад, ки равандҳои инноватсионӣ бо меъёрҳои идоракунии илмӣ, таъминоти иттилоотӣ ва таҳлили стратегӣ ҳамоҳанг гарданд, ки дар натиҷа пояи устувори рушди урбанизатсияи интеллектуалӣ ва иқтисоди рақамӣ дар кишвар ташаккул меёбад.

Бо вуҷуди ин, таҳлил нишон медиҳад, ки дар сохтори аҳолӣ таносуб байни аҳолии шаҳрӣ ва деҳотӣ тағйироти ҷиддӣ ба вуҷуд омадааст. Дар соли 2020 шумораи аҳолии шаҳрӣ 2796,2 ҳазор нафар, дар соли 2024 бошад – 3055,4 ҳазор нафар, яъне афзоиш тақрибан 9,2%-ро ташкил медиҳад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки раванди урбанизатсия – яъне ҷараёни муҳоҷирати аҳолӣ аз деҳот ба шаҳрҳо ва афзоиши аҳолии шарҳо босуръат идома дорад.

Дар баробари ин, аҳолии деҳотӣ низ тамоюли афзоиш дорад, ки аз 6920,6 ҳазор нафар дар соли 2020 то 7453,1 ҳазор нафар дар соли 2024 расидааст, яъне афзоиш тақрибан 7,7%-ро ташкил медиҳад. Аммо, бо назардошти суръати баланди афзоиши аҳолии шаҳрӣ, ҳиссаи аҳолии деҳот дар таркиби умумии аҳолӣ тадриҷан коҳиш меёбад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар натиҷа, ин раванд метавонад ба фаъол шудани рушди иқтисодии шаҳрҳо, зиёд гардидани талабот ба хизматрасониҳои инфрасохторӣ, афзоиши ниёз ба ҷойҳои корӣ ва ҳамзамон фишор ба захираҳои шаҳрӣ оварда расонад.

«Бо назардошти ҳамбастагӣ бо равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ равандҳои демографӣ барои рушди дарозмуҳлат хеле муҳим мебошанд. То соли 2030 аҳолии ҷумҳурӣ бемайлон афзоиш ёфта, ба 11,5 млн. нафар хоҳад расид. Азбаски аҳолии кишвар бо суръати баланд афзоиш меёбад, суръати афзоиши истеҳсолот низ бояд баланд бошад. Ин барои пешгирӣ намудани коҳишёбии сатҳи бадастомадаи некӯаҳволии мардум, коҳишёбии қобилияти низомҳои мавҷудаи дастгирии ҳаёт ва самаранокии онҳо зарур мебошад. Чунин масъала дар асоси усулҳои анъанавии ғайрисамарабахши хоҷагидорӣ наметавонад ҳалли худро ёбад.

Зарурати суръатбахшии урбанизатсия, сохтмони манзил дар миқёси калон, сармоягузориҳо ба инфрасохтори коммуналӣ, иҷтимоӣ ва роҳҳо ба миён омада истодааст» [3, С. 58].

Аз ҳамин лиҳоз бо дарназардошти афзоиши босуръати аҳолӣ ва фишори демографӣ, равандҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бояд дар ҳамоҳангӣ такмил дода шаванд. Афзоиши истеҳсолот танҳо барои таъмин кардани эҳтиёҷоти аҳолӣ ва нигоҳдории сатҳи некӯаҳволӣ кофӣ намебошад. Урбанизатсия ҳамчун омили пешбарандаи рушди иқтисодию иҷтимоӣ аҳамияти муҳим дошта, барномаҳои муназзам бояд сохтмони манзил, роҳҳо, шабакаҳои обу барқ, хадамоти тиббӣ ва иҷтимоиро фаро гиранд. Ҳамзамон, ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ ва мусоидат ба инноватсия дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ зарур мебошад. Дар баробари ин, самаранокии идоракунии маҳаллӣ ва қабули қарорҳои стратегӣ низ муҳим аст, зеро бе нақшаи дуруст натиҷаи дилхоҳ намедиҳад.

Аз ин рӯ, таҳлили демографӣ ва баррасии эҳтиёҷоти иҷтимоӣ бояд заминаи асосӣ барои қарорҳои урбанистӣ ва иқтисодӣ гардад, ки афзоиши аҳолӣ на ҳамчун мушкил, балки ҳамчун имконияти стратегии рушди кишвар истифода шавад.

Дар чунин шароит, ҷиҳати идоракунии самараноки муҳити шаҳрӣ зарурати ҷорӣ кардани механизмҳои инноватсионӣ ба миён меояд. Рақамикунонӣ, такмили инфрасохтори технологӣ, рушди кадрҳои соҳавӣ ва мутамарказсозии низомҳои иттилоотӣ имкон фароҳам меоранд, ки банақшагирии стратегӣ, тақсими захираҳо ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар сатҳи зарурӣ амалӣ гардида, фишор ба инфрасохтор ва муҳити шаҳрӣ коҳиш ёбад.

Таҳлили мушкилоти стратегӣ дар раванди урбанизатсия нишон медиҳад, ки идоракунии инноватсионии рушди шаҳрдорӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз ба марҳилаи мукаммали институтисонӣ ва технологӣ нарасидааст. Норасоии инфрасохтори рақамӣ, кадрҳои баландихтисоси технологӣ, маҳдудияти молиявӣ, дар сатҳи зарурӣ инкишоф наёфтани фарҳанги рақамӣ ва мутамарказ набудани низомҳои иттилоотӣ ба механизми идоракунии шаҳр таъсири манфӣ мерасонад. Ҳамчунин, номукаммал будани заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва ҳамгироии нокифояи сохторҳои шаҳрӣ боиси он мегардад, ки равандҳои шаҳрсозӣ ба талаботи замони рақамӣ мутобиқ набошанд.

Дар чунин шароит, гузариш ба модели «шаҳри ҳушманд» танҳо бо роҳандозии ислоҳоти маҷмуавӣ имконпазир мегардад. Ин раванди стратегӣ бояд на танҳо инфрасохтори техникӣ ва технологиро такмил диҳад, балки ба таҳкими иқтидори инсонӣ, баланд бардоштани иштирокдорӣ ва қабулпазирии иҷтимоӣ, инчунин ҳамоҳангсозии сиёсати давлатӣ ба талаботи рақамисозӣ равона гардад. Дар ин замина, рушди инноватсионии шаҳрдорӣ ҳамчун омили муҳими беҳтарсозии сифат ва устувории муҳити шаҳрӣ, баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ ва фароҳамсозии шароити мусоиди зиндагӣ арзёбӣ мешавад.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки такмили инфрасохтори рақамӣ ва мутамарказсозии низоми иттилоотӣ шарти асосии татбиқи идоракунии инноватсионӣ мебошад. Ҳамин тариқ, мақсади таҳқиқот дар қисмати муайян намудани механизмҳои асосии идоракунӣ амалӣ гардид. Фарзияи таҳқиқот, ки урбанизатсияи устувор бидуни рақамикунонӣ имконнопазир аст, тасдиқ шуд.

Хулоса, таҳқиқот нишон дод, ки идоракунии инноватсионии рушди урбанизатсионӣ дар шароити рақамикунонӣ дар устувории иқтисодиву иҷтимоии кишвар нақши муҳим дорад. Урбанизатсия имрӯз на танҳо ҳамчун раванд, балки ҳамчун муҳаррики асосии рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ арзёбӣ мешавад, ки бо афзоиши босуръати аҳолӣ ва фишори демографӣ ҳамоҳангии равандҳои истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиро талаб менамояд.

Тадқиқот нишон дод, ки татбиқи механизмҳои инноватсионӣ — аз ҷумла рақамикунонии фаъолиятҳои шаҳрӣ, рушди инфрасохтори технологӣ, такмили кадрҳои баландихтисос ва мутамарказсозии низомҳои иттилоотӣ — имкон медиҳад, ки банақшагирӣ, тақсими захираҳо ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар сатҳи зарурӣ амалӣ гардида, фишор ба инфрасохтор ва муҳити шаҳрӣ коҳиш ёбад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки моделҳои «шаҳрҳои интеллектуалӣ» сатҳи хизматрасонӣ, истеҳсолот ва қабули қарорҳои стратегиро назаррас баланд мебардоранд.

Бояд қайд намуд, ки сиёсати давлатӣ дар самти урбанизатсия бояд ба таҳкими инфрасохтори рақамӣ, ҷалби сармоягузории дохиливу хориҷӣ, такмили кадрҳои соҳавӣ ва татбиқи моделҳои «шаҳри ҳушманд» равона гардад. Ин равиш ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, устувории муҳити зист ва рушди иқтисоди рақамӣ мусоидат мекунад.

Дар умум метавон иброз намуд, ки таҳқиқот аҳамияти идоракунии инноватсионӣ ва рақамикунонӣ дар урбанизатсияро барои рушди устувори иҷтимоӣ ва иқтисодӣ собит сохт ва заминаи илмӣ барои таҳқиқоти минбаъда ва такмил додани сиёсати давлатӣ фароҳам овард.

АДАБИЁТ:

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28.12.2024 [манбаи электронӣ]. // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: https://www.president.tj/event/photoreport/photoreport/ 49226 (санаи истифодабарӣ: 23.10.2025).

2. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025 [Манбаи электронӣ] // Сомонаи расмии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: https://egov.tj/site/rushdiiktisod/documents/details/442?lang=tg (санаи истифодабарӣ: 24.10.2025).

3. Асоев М.М. Банақшагирии стратегӣ ҳамчун воситаи асосии рушди деҳот / М.М. Асоев, С.С. Манонов // «Идоракунии давлатӣ» Маҷаллаи илмию сиёсии АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе – 2023. - № 1 (60). С. 53-62, УДК: 332.1, ISSN 2664-0651

4. Бобоев О. Организационно-экономические, транспортные и трудовые основы формирования и развития урбанизированных территорий в условиях рынка (теоретический синтез) / О. Бобоев, Б.Х. Бомиров // «Государственное управление» Научно-политический журнал АГУ при Президенте Республики Таджикистан, Душанбе – 2024. - № 4-2 (69). С. 135-151, УДК: 711.4:330.34:331.5, ISSN 2664-0651

5. Бобомуродов П.У. Ҷанбаҳои назариявии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисоди инноватсионӣ / П.У. Бобомуродов // «Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон» маҷаллаи илмӣ, Душанбе – 2022. - № 2 (41). С. 268-375, УДК 338.1, ISSN 2308-054X

6. Ершова И.Г. Сравнительный анализ инновационного развития социально-экономических систем регионов / И.Г. Ершова, Л.Н. Гусельникова, Л.А. Афанасьева // Естественно-гуманитарные исследования. - 2021. - № 33 (1). - С. 101-110.

7. Ершова И.Г. Управление трансформацией экосистем в цифровой инновационной среде / И.Г. Ершова, А.Ю. Каракулин // Вестник Северо-Кавказского федерального университета. - 2022. - № 3 (90). - С. 79-84.

8. Колмыкова Т.С. Экосистемы как глобальный тренд цифровизации экономического пространства / Т.С. Колмыкова, П.П. Ковалев // Общество: политика, экономика, право. - 2023. - № 5 (118). - С. 123-128.

9. Комилов С.Дж. Теория инновационного развития. Монография / С.Дж. Комилов. – Душанбе: «Шарки озод», 2019. – 278 с.

10. Мерзлякова Е.А. Аналитические аспекты исследования цифровизации региональной экономики / Е.А. Мерзлякова, П.П. Ковалев, Е.В. Бридский // Вестник Северо-Кавказского федерального университета. - 2022. - № 4 (91). - С. 92-101.

11.Мерзлякова Е.А. Роль инвестиционной компоненты в инновационном развитии территорий / Е.А. Мерзлякова, А.Ю. Овчинникова // Вестник Северо-Кавказского федерального университета. - 2020. - № 5 (80). - С. 77-83.

12.Обухова А. С. Трансформация инновационных цифровых технологий / А. С. Обухова, Е. Ю. Ершова, А.А. Сотников // Вестник Северо-Кавказского федерального университета. – 2022. – № 4(91). – С. 102-107.

13. Обухова А.С. Управление инновационным развитием в условиях цифровизации / А.С. Обухова, Я.В. Черных, Л.Н. Гусельникова // Международный журнал «Естественно гуманитарные исследования» г. Краснодар – 2023. - № 4 (48). – С. 537-541. ISSN 2309-4788 (print)

14.Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2025 (нашри расмӣ) // Ноҳшир: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сомонаи расмӣ www.stat.tj

15. Шумпетер Й.А. Теория экономического развития. – М.: Прогресс. – 1982. – 458 с.